# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи доктории Юлдашев Абдулла Қурбонмаматович дар мавзуи “Таҳаввули сужа ва образҳои шоҳону паҳлавонони сосонӣ дар адабиёти форсу тоҷик (асрҳои X-XI)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ пешниҳод гардидааст.**

Диссертатсияи Юлдашев Абдулла Қурбонмаматович дар мавзуи “Таҳаввули сужа ва образҳои шоҳону паҳлавонони сосонӣ дар адабиёти форсу тоҷик (асрҳои X-XI) ба бандҳои 3-4-уми бахши “Соҳаҳои таҳқиқот”-и шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ **мутобиқат** менамояд.

Ҳадафи асосии диссертант баррасии масъалаи таҳаввули симои подшоҳону паҳлавонон ва сужаҳои вобаста ба воқеаҳои достонии “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ мебошанд, ки дар марҳалаи муайяни таърихӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ матраҳ шуда, **аз ҷумлаи мавзуъҳои муҳим ва мубрами адабиётшиносии тоҷик** маҳсуб мегардад. Пажӯҳиши таҳаввули сужаҳо ва образҳои “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ ба диссертант имкон додааст, ки чигунагии хотираи таърихии мардумони эрониро, ки дар дарозои таърихи тақрибан дуҳазорсол шакл гирифтааст, ошкор созад. Хусусан, дар замони истиқлоли Тоҷикистон аз нигоҳи нав накду баррасӣ шудани масъалаҳои адабиёти мумтози тоҷик, аз ҷумла барои таҳқиқу таҳлили амиқи “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ, ки дар ташаккули худогоҳиву худшиносии мардуми мо ҷойгоҳи бисёр густарда дорад, аз ҳар ҷиҳат муҳим аст. Аз ин зовия, мавзуи доктории мавриди гуфтугӯ **чи аз ҳайси назарӣ ва чи аз нигоҳи амалӣ** муҳим арзёбӣ мешавад.

Абулқосим Мансур ибни Ҳасани Тӯсӣ (329-416 ҳ. қ) мутахаллис ба Фирдавсӣ шоири баландовозаи ҳамосасарои миллӣ ва сарояндаи шоҳкори адабии “Шоҳнома” аст. Ӯро Ҳакими сухан ва Ҳакими Тӯс низ хондаанд. Муҳаққиқи англис Ҷон Бойле, ки дар бораи Фирдавсӣ дар

Донишномаи Британия мақолаи арзишманде навиштааст, Фирдавсиро “бузургтарин чакомасарои порсигӯ” номидааст.

Ба ин нукта бояд таъкид кард, ки доираи таҳқиқи мазкур фақат даврони сосонии “Шоҳнома”-ро фаро гирифта, ба гуфти унвонҷӯ ин бахши асари Фирдавсӣ “ҳудуди ҳаждаҳ ҳазор байт дошта, дар он ҳаштсаду бисту чор қаҳрамон ва персонаж” ( авт. с. 3) амал мекунад. Яъне, ҷавҳари асосии рисолаи мавриди гуфтугӯро “Шоҳнома” ташкил дода, инчунин муаллиф саъй кардааст, ки пажӯҳиши худро доир ба таҳаввули сужаҳо ва образҳо дар асоси тақрибан ҳамаи сарчашмаҳоеро, ки дар онҳо сужа ва образҳои шоҳону паҳлавонони Сосонӣ инъикос шудаанд (авт, с. 6), анҷом диҳад. Истифодаи ин марҷаъҳои муътамад ва муътабари юнонӣ, арманӣ, сурёнӣ, чинӣ, арабӣ ва форсӣ, ки аксарашон ба забони русӣ тарҷума шудаанд, ба муаллиф имкон додааст, ки **ба хулосаҳои муҳимми назарӣ бирасад** ва дар ошкор кардани бисёр нуктаҳои то ҳанӯз норавшани таърихи тоҷикон талош варзад.

Хусусан, сарчашмаҳои арабии «Таъриху-р-русул ва-л-мулук»-и Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ, “Ғурару ахбори-л-мулуки-л-фурс ва сиярихим»-и Абумансури Саолибӣ, «Муруҷу-з-заҳаб»-и Абуалии Масъудӣ, тарҷумаи арабии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, ки тарҷумаи он аз ҷониби Бундории Исфаҳонӣ дар асри XII бори аввал ба забони арабӣ сурат гирифтааст, дар рисола мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шудаанд, гувоҳи онанд, ки ховаршиноси маъруфи тоҷик Абдулла Юлдашев аз онҳо огоҳона суд ҷустааст.

Яке аз мазоёи рисолаи мазкур дар он аст, ки бештари рухдодҳое, ки дар ин ҳамосаи миллӣ бозтоби воқеӣ ва ё бадеӣ ёфтаанд, дар паҳноҳои соҳили рост ва чапи дарёи Ому мегузаранд. Ба доираи таҳқиқ кашидани ин масъала аз ҷониби муҳаққиқ, ба фикри мо, чунонки ба назар мерасад, пеш аз ҳама, дар он аст, ки Фирдавсӣ дар оғози шоҳасари хеш ба масъалаҳои эҳёи тамаддуни миллӣ ва зинда кардани хотираи таърихии мардумони бумии шимолу шарқи Хуросон ва Мовароуннаҳр, яъне

тоҷикон таваҷҷуҳи бештар карда ва ҳамин аст, ки диссертант саъй дошта, дурустии сухани Ҳакими Тӯсиро дар асоси мароҷеи дасти аввал ва муътамад таъйид созад, ки арзиши рисолаи ӯро баланд бардоштааст.

**Навоварии** дигари ин рисола дар он аст, ки нахустин таҳқиқи фарогир дар масъалаи таҳаввули сужа ва образҳои шоҳону паҳлавонони Сосонӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ (асрҳои X-XI) мебошад, ки дар он тақрибан **яксаду ҳафтоду панҷ эпизод, ки ба рафтору кирдори зиёда аз ҳаштсад персонаж ва қаҳрамон** вобастагӣ дорад, баррасӣ шудааст. Диссертант мунсифона эътироф мекунад, ки: "Чунин муносибат то ҷое ба «Таърихи Эрон ва арабҳо дар замони Сосониён»-и Нёлдеке ва бахши Сосониёни «Ҳамосаи шоҳон дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ»-и Худоӣ Шарифзода монандӣ дорад. Фарқи муносибати мо аз муносибати Нёлдеке дар он аст, ки ин муҳаққиқ кори худро бар пояи «Таърихy-р-русул ва-л-мулук»-и Табарӣ кардааст, на «Шоҳнома». *Кори Нёлдеке, пеш аз ҳама, таҳқиқи* таърихшиносӣ мебошад" (с. 11). Вале чунонки аз муҳтавои рисола бармеояд, муаллиф хоксорӣ карда, дар кори ӯ андешаҳои тозаи илмӣ, мулоҳизаҳои шахсӣ ва хулосаҳои назарӣ зиёд ба мушоҳида расида, сужа ва образҳои бадеии "Шоҳнома" аз ду паҳлӯ ба таври усулӣ: а) ба эътибор гирифтани халлоқияти адабии як эҷодкор ва б) ба назар гирифтани тасвири образҳои ҳамгун дар эҷодиёти якчанд адиб таҳқиқ шудаанд, ки сухани диссертантро аз лиҳози эътибори илмӣ мумтоз мегардонад.

Афзалияти дигари рисола дар он аст, ки муҳаққиқ рисолаи худро дар асоси тақрибан ҳамаи сарчашмаҳои таърихию бадеию адабии дастрас анҷом дода, ки ё гузориши Фирдавсиро такмил медиҳанд ва ё баробари гузориши «Шоҳнома» гузинаи дигаре пешниҳод мекунанд. Яъне, ба муаллиф муяссар шудааст, ки ба масъалаҳои таҳқиқи худ аз мавқеи меъёргароӣ (canon) ба мундариҷаи «Шоҳнома» наздик шавад ва ин амр дар ошкор кардани бисёр масъалаҳои пӯшидаи ин ҳамосаи миллӣ ба ӯ ёрӣ кардааст. Аз ин манзар, бо суолҳои " ...чаро Рустам тоҷири намакфурӯш шуду Ардашери Бобакон бозаргони хуросонӣ, чаро Шопур Зулактофу

Баҳроми Гӯр тағйири сурату сират намуда, ба нишемангоҳи душманон рафтанд, то бубинанд, ки вазъи онҳо чӣ гуна аст?" (с. 11) вориди масъала шуда, ба ин хулоса мерасад, ки: "Мулоҳизае пешниҳод мешавад, ки бахшҳои муайяни «Шоҳнома» ва ё манбаъҳои «Шоҳнома» аз рӯйи меъёре суруда шудаанд" (с. 12).

Ҳамин аст, ки таҳқиқи диссертант давраи таърихи Сосониёнро фаро гирифта, ба таври мушаххас ӯ онҳоро ба се қисм: марҳалаи оғози таърихи ташаккул ва пойдории шоҳаншоҳӣ (солҳои 205-379), марҳалаи мобайнӣ ва подшоҳии Хусрави Анӯшервон (379-579) ва марҳалаи таърихӣ, ки подшоҳии Ҳурмузди IV то инқирози давлати Сосониён (солҳои 579- 654) ҷудо карда, мавриди баррасӣ қарор додааст, ки дуруст мебошад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва китобнома иборат аст. Бобҳои диссертатсия вобаста ба образҳои подшоҳон ба фаслҳо ва фаслҳо дар робита бо сужаҳо тасниф шуда, ҳаҷми умумии он аз 456 саҳифа иборат аст.

Дар **муқаддима**и диссертатсия А. Юлдашев мубрамии мавзуи таҳқиқ, навоварӣ ва арзиши амалию назарии таҳқиқи худро тавзеҳ дода, таъкид менамояд, ки сужа ва образи бадеии паҳлавонони сосонӣ дар адабиёти форсии тоҷикии асрҳои X-XI, аз ҷумлаи унсурҳои асосии осори бадеӣ буда, ҳамчун навъе аз воситаи инъикоси воқеият, ки ба сурати ҷузъӣ ё ҷомеъ манзараи ҳаёти инсонро дар бар гирифтааст, дар маърифати эстетикии адабиёт аз ҷумлаи равишҳои маъмулу писандида ба ҳисоб меравад.

Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки диссертатсияи аз ҷониби А. Юлдашев таълифшуда бо дарназардошти дастабандии муназзами мавзуоти баррасишаванда, тарҳи мантиқан мураттаби бобу зербобҳои диссертатсия ва меҳварҳои аслии барои дифоъ пешниҳодшаванда, густардаву фарогир ва бо **равишҳои тозаву дидгоҳҳои нави илмӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ ва баррасӣ қарор додани масоили мавриди баҳс**, пажӯҳишу таҳқиқи муфассали таҳаввули сужа ва образҳои шоҳону паҳлавонони сосонӣ дар

адабиёти форсии тоҷикии асрҳои X-XI қобили арзиш ва шоистаи таҳсин аст.

**Боби якуми** диссертатсия – «**Сужаҳо ва образҳои подшоҳону паҳлавонон дар оғози таърихи ташаккул ва пойдории шоҳаншоҳии Сосониён (солҳои 205-379)**» – аз **шаш фасл** иборат мебошад. Дар **фасли якуми** боби аввали диссертатсия, **сужа ва образҳои Сосон ва Бобак** ба таҳқиқ кашида шудааст.

**Арзиши кори диссертант дар он аст, ки ӯ бо такя ба сарчашмаи қадимии арманӣ** «Таърихи Арманистон»-и Мовсес Хоренатси муайян кардааст, ки номи Сосон чун падари Ардашери Бобакон дар ин асар ду бор омадааст. Ҳамзамон бо ин, диссертант бар он бовар аст, ки ишораи Мовсес Хорентаси дар бораи падари Ардашери Бобакон будани Сосон бо ривояти «Шоҳнома», «Ғурар»-и Саолибӣ ва «Корнома»-и Ардашери Бобакон бо ҳам шабоҳат доранд. Вале дар ин радиф, бархе аз муаллифони дигар мулоҳизаи сарчашмаҳои болоиро ҷонибдорӣ намекунанд. Аз ҷумла, ӯ бар мабнои катибаи Шопури I (SZK) дар Каъбаи Зардушт, ки дар асри III ҳаккокӣ шуда, Сосонро шахси таърихӣ муаррифӣ кардааст. Ба муаллиф, дар натиҷаи ҷустуҷӯҳои пайгирона муяссар шудааст, ки муаяйн кунад, ки номи Сосон ҳамчун номи писари шоҳаншоҳи нимафсонавии Каёнӣ Баҳман, бино ба инъикоси хабар дар сарчашмаҳои арабию мусулмонӣ ва «Шоҳнома», дар хотираи таърихию асотирии халқҳои эронӣ бори нахуст ба замони подшоҳии Баҳмани Исфандёр омадааст. Барои исботи ин гуфта, як пора аз "Муруҷу-з-заҳаб»-и Абуалии Масъудӣ далеле меоварад, ки мавҷуд будани ду Сосон - Сосони Асғар – Сосони бобои Ардашери Бобакон ва Сосони Асғар – Сосони писари Баҳманро ба субут мерасонад. Гузашта аз ин, барои тақвияти андешаи худ баъзе аз иттилоотро дар бораи пайванди яҳудӣ доштани Сосонро дар асоси сарчашмаҳои арабӣ ва форсӣ меорад. Афзун ба ин, диссертант ба хулоса расидааст, ки аз рӯйи ахбори Фирдавсӣ ва дигар сарчашмаҳои арабию мусулмонӣ Сосони бобои Ардашерро аз авлоди Сосон писари Баҳмани

Исфандёр ба қалам дод, шаҷараи яҳудӣ доштани ӯро пинҳон доштаанд. Барои таъйиди ин гуфта, диссертант қасидаи ба Бану Сосон бахшидаи шоири араб Абудулафро мавриди таҳлил қарор дода, баромади тоифаи ӯро ба Сосониён расонидааст.

Чунин гузориши масъала ва равиши татбиқии кор ба муаллифи диссертатсия имкон фароҳам овардааст, ки ба натиҷаҳои нави илмӣ бирасад.

Диссертант дар ф**асли дуюм**и **боби якум**и диссертатсия образи **Ардашери Бобакон ва сужаҳои вобаста ба шахсияти достонии ӯро** ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Чунонки диссертант дуруст таъкид мекунад, ҳарчанд ки образи Бобак дар «Шоҳнома» чандон барҷаста офарида нашудааст (подшоҳ набуд), аммо бо ишораҳое Фирдавсӣ тавонистааст, аз Бобак як симои намоёни сиёсӣ биофарад. Достони Ардашери Бобакон дар «Шоҳнома» дар бахши «Подшоҳии Ашкониён» бо шумори баъзе такмилаҳои ҷонибӣ дар матни интиқодии чопи Душанбе дар 747 байт, дар матни интиқодии чопи Масакв 777 байт ва дар матни интиқодии Ҷалол Холиқии Мутлақ 781 байт омадааст.

Ба андешаи муаллифи диссертатсия образи Бобак дар "Шоҳнома" ва "Корномаи Ардашер" образи тақдирофар буда, андешаи барқарор кардани шоҳаншоҳии Сосонӣ ғояи ӯст. Фирдавсӣ ӯро дар оғоз ҳамчун "марзбони Форс", пас аз хонадор шуданаш ба духтари Сосон ҳамчун "волии Ардашер ва Истахр" ба тасвир кашидааст.

Аммо дар ривояти Табарӣ нисбат ба тасвири Фирдавсӣ ихтилофи оро дида мешавад. Бобак ба ривояти ӯ писари Сосон – меҳтари Форс мебошад. Андешаи Абумансури Саолибӣ, ки Бобакро "марзбони Ардавон дар Форс буд" навишта, бо гуфтаҳои Фирдавсӣ ҳамоҳангӣ доранд. Ба занни қавӣ, метавон ҳадс зад, ки онҳо аз як манбаъ истифода бурда бошанд. Пажӯҳишгар бо такя ба сарчашмаҳо ва муқобалаву муқоясаи онҳо ба натиҷа расидааст, ки Бобак воқеан "сиёсатмадор ва давлатмард"-и замони худ будааст. Ҳамчунин, диссертант ба ин бовар

аст, ки ғояи таъсиси Империяи Каёниён маҳз ба Бобак мутааллиқ буда, дар замони подшоҳии писараш – Ардашери Бобакон, ки дар зерфасли дигари ҳамин боб мавриди пажӯҳиши алоҳида қарор гирифтааст, шоҳаншоҳии Сосонӣ (224-651) асос гузошта шуда, дар навбати худ шахси таърихӣ мебошад. Фирдавсӣ образи ӯро дар меҳвари "ростӣ ва адолат" ба тасвир кашидааст, ки ҷавҳари "Шоҳнома"-и ӯро ташкил медиҳад.

Диссертант бо равиши **таҳлилӣ-муқоисавӣ** тавонистааст дар асоси ҳамаи сарчашмаҳои дастрас ва мулоҳизаҳои донишмандон дар фаслҳои 3-6 хатти сужаҳои вобаста ба образи Шопури Ардашер, Урмузди Шопур, Баҳроми Урмузд, Баҳроми Нарсӣ, Баҳроми Баҳромиён, Нарсии Баҳром ва Урмузди Нарсӣ ва Шопури Зулактофро мавриди пажӯҳиш қарор дода, **хулосаҳои назарии** худро барорад. Чунин гузориши масъала дар диссертатсия ба мушоҳида мерасад, ки арзиши рисоларо боло бурда, дар фирдавсишиносӣ як фасли тозаи таҳқикро ташкил медиҳад.

**Боби дуюм**и диссертатсия – «**Сужаҳо ва образҳои подшоҳон ва паҳлавонон дар марҳалаи мобайнӣ ва подшоҳии Хусрави Қубодон – Анӯшервон (солҳои 379-579)**» ном дошта, аз **шаш фасл** иборат аст.

**Фасли аввали ин боб «Сужаҳои вобаста ба Ардашери Некукор ва подшоҳони дигар то Баҳроми Гӯр»** ном дошта, диссертант таъкид мекунад, ки "ин образ дар «Шоҳнома» то ҳадде сатҳӣ тасвир шуда, танҳо Фирдавсӣ ваҷҳи «Некукор» лақаб гирифтани Ардашери II-ро гуфтааст" (с. 31). Аммо дар мавриди ин лақаби Ардашер сарчашмаҳои дигаре чун Табарӣ, Балъамӣ ва Саъолибӣ ихтилофи назар доранд ва накукориро як сифати маъмулии подшоҳони он рӯзгор медонанд. Диссертант дар ин фасл дар бораи ба подшоҳӣ расидани **Шопури III, Баҳром писари Шопур, Яздгирди I баҳс мекунад.**

Мабҳаси фасли дуюми боби дуюми диссертатсия «**Сужаҳои вобаста ба образи Баҳроми Гӯр**» ном дошта, диссертант онро ба **шаш эпизод** ҷудо карда, дар бораи ҳар кадоми онҳо мулоҳизоти ҷолиб меорад.

Ҳамин тариқ, муҳаққиқ дар **фасли сеюми боби дуюм**и диссертатсия «**Сужаҳои вобаста ба Яздгирд писари Баҳроми Гӯр ва подшоҳони дигар то Қубоди Парвиз**» ва **фасли чоруми боби дуюм**и диссертатсия «**Сужаҳои вобаста ба образи Қубоди Парвиз**», дар **фасли панҷум**и **боби дуюм**и диссертатсия «**Сужаҳои вобаста ба Анушервон ва шахсияти ӯ**» ва дар **фасли шашум** дар хусуси **сужаҳои вобаста ба образи Бузургмеҳр** баҳс мекунад.

Дар боби **сеюм**и диссертатсия диссертант дар хусуси «**Сужаҳо ва образҳои подшоҳон ва паҳлавонон аз подшоҳии Ҳурмузди IV то инқирози давлати Сосониён (солҳои 579-654)**» пардохтааст, ки аз **панҷ фасл** иборат аст. Диссертант саъй кардааст, ки дар ин боб сужа ва образҳои достони подшоҳии Ҳурмузди Анӯшервон (579-590), Хусрави Парвиз (590-590), Баҳроми Чӯбин (590-591), Хусрави Парвиз (591-628), Қубоди II (628-628), Ардашери III (628-629), Шаҳрбароз (629-629), Хусрави III (629-629), Бӯрондухт (629-630), Шопури Шаҳрвироз (630-630), Парвизи II (630-630), Озармидухт (630-631), Хусрави IV (631-631), Фаррухи Ҳурмуз (630-631), Ҳурмузи VI (630-631), Пурондухт (631-632), Яздгирди III (632-651)-ро ба риштаи таҳқиқ кашида, бо мулоҳизоти ҷолиб ба ҳаллу фасли онҳо муваффақ шудааст.

Хулосаи муаллиф дар 22 банд омада, ба сухани дигар сухани ҷамъбастии муаллифро мефаҳмонад, Забони диссертатсия илмӣ буда, мутобиқи меъёрҳои таълифи рисолаҳои илмист.

Дар диссертатсияи мавриди гуфтугӯ дар радифи дастоварду муваффақиятҳои илмӣ баъзе нуктаҳои баҳсталаб ва камбудҳои ҷузъӣ низ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо боиси боз ҳам боло рафтани ҳусни илмии рисола хоҳад гардид. Аз ҷумла:

1. Азбаски унвони рисола "Таҳаввули сужа ва образҳои шоҳону паҳлавонони сосонӣ дар адабиёти форсу тоҷик (асрҳои X-XI)" буда, зеро моҳияти усулии рисоларо ин масъала бояд фаро гирад. Фирдавсӣ ва дигар сарчашмаҳои таърихӣ дар симои подшоҳони эронӣ шахсони "бофарҳангу

рой, одилу некӯкор, сахиву силаҳшӯр, далеру ростгӯ” ва монанди ин сифатҳоро тавсиф мекунад, ки нисбатан камтар ба дид мерасад. Бино ба ин, таҳлилу баррасии ин масъала, яъне хати сужа ва образҳои подшоҳони сосонӣ дар автореферат камтар ва дар рисола бештар омадааст. Хуб мебуд, ки диссертант ба ин масъала дар автореферат диққати бештар медод.

2. Агар диссертант дар як-ду фасли алоҳида дар асоси ҳамаи сарчашмаҳо хатти сужа ва образҳои подшоҳонро ба таҳқиқ гирифта, аз оғоз то анҷом таҳаввули онҳоро нишон медод, арзиши кораш дучанд меафзуд.

3. Гоҳе ҳадафи ҷумлаҳо норавшан аст. Барои мисол: “Чаро Ардашеру Шопури Зулактофу Баҳроми Гӯрро аз баъзе душвориҳо духтаракон наҷот медиҳанд ва ҳоказо” (с. 12). Ин духтаракон чи ном доранд, маълум нест.

4. Баъзан номи донишмандон ду гуна навишта шудаанд, ба мисли Саъолабӣ – Саъолибӣ. Ҳамин гуна иштибоҳот дар номи китобҳои арабӣ ба назар мерасад: «Ғурару ахбори-л-мулуки-л-фурс ва сиярҳим», ки гунаи дурусташ “сиярихим” бояд бошад.

5. Дар мавриди истилоҳи “навгонӣ”. Ин истилоҳ дар ҳеч луғати муътабари форсӣ дида нашуд. Гунаи дурусти он “навоварӣ” аст. Ҳангоми таҳияи автореферат ислоҳ карда шавад.

6. Ҳам дар диссертатсия ва ҳам дар автореферат иштибоҳоти зиёди техникӣ ба назар мерасанд (с. 3, 4, 5, 6, 11, 12, 14, 15, 16, 18 ва ғ.)

Бояд гуфт, ки нуқсонҳои мавҷуда ба ҳеч ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро кам карда наметавонанд, зеро муаллифи он вазифаҳои дар назди худ гузоштаро асосан иҷро кардааст. Бинобар ин, диссертатсияи илмии **Юлдашев Абдулла Қурбонмаматович дар мавзуи “Таҳаввули сужа ва образҳои шоҳону паҳлавонони сосонӣ дар адабиёти форсу тоҷик (асрҳои X-XI)** таҳқиқоти анҷомёфта мебошад.

Хулосаҳову тавсияҳои **Юлдашев Абдулла Қурбонмаматович** касбӣ буда, баёнгари мундариҷаи диссертатсия ҳастанд ва бо маводи зиёди назарию амалӣ асоснок гардидаанд, ки дараҷаи этимоднокии рисоларо мустанад нишон медиҳад. Ҳамин аст, ки диссертант бо корбаст аз равишҳои муосири таҳқиқ, ки дар адабпажӯҳии ҷаҳонӣ мутадовил аст, нахустин бор дар адабиётшиносии тоҷик ба таври комплексӣ масъалаҳои вобаста ба таҳаввули сужа ва образҳои подшоҳон ва паҳлавонони сосониро дар қолаби монографӣ таҳқиқ ва ҷамъбаст кардааст.

Масъалаҳои вобаста ба паҳлуҳои мухталифи бадеӣ, ғоявӣ ва маърифатии инкишофи сужаҳо ва таҳаввули образҳо дар сарчашмаҳо, пеш аз ҳама, «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, дар адабиётшиносии тоҷик бори нахуст мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Саҳми шахсии нигорандаи диссертантро таълифоти дар заминаи ҳамин мавзуъ анҷом додааш, ки дар қолаби мақолаҳои илмӣ чоп шудаанд, ба намоиш мегузоранд.

Автореферати диссертатсия ва матолиби интишорнамудаи муаллиф, ки 16 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, асоси мундариҷаи диссертатсияро инъикос мекунанд. Диссертатсия бо **муҳиммият, навовариҳои илмӣ ва арзиши назариву амалиаш** ба талаботи КОА-и назди Президенти ҶТ мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ ҷавобгӯст ва ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои шиносномаи ихтисоси мазкур мувофиқат мекунад.

Диссертатсияи илмии **Юлдашев Абдулла Қурбонмаматович дар мавзуи “Таҳаввули сужа ва образҳои шоҳону паҳлавонони сосонӣ дар адабиёти форсу тоҷик (асрҳои X-XI)”**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ, ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои

дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

доктори илмҳои филологӣ, мудири
шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон
ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ Юсуфов У. А.
Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, к. Н. Ҳувайдуллоева 274, ҳ. 47.
Тел: (+992) 91-904-55-75
E-mail: nushin74@mail.ru

Имзои Юсуфов У. А. -ро тасдиқ мекунам:
нозири шуъбаи кадрҳои Институти
забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ Нарзиқулова Ҳ.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 21.
Тел.: +992 (37) 227-29-07, +992 (37) 221-70-30.
E-mail: iza.rudaki@gmail.com

“05” майи соли 2025.